## ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-065 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146 www.ajagroun.tj) доир ба ҳуҷатҳои Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Дар асоси супориши Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур протоколи №04 аз 09 марти соли 2023 комиссия дар ҳайати доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Сардоров Маҳмадиёр Наимович (раис), доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Қахаров Қахар Ҳабибуллаевич (аъзо) ва номзади илмҳои техникӣ, дотсент Пулотов Шавкат Ярашович (аъзо) рисолаи илмӣ, автореферат, маводҳои ибтидоӣ ва мақолаҳои илмии докторант – Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевичро мавриди санҷиш қарор дошта , ба чунин хулоса омад:

### Асосноккунии қабули рисола ба ҳимоя

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешбурди минбаъдаи иқтисоди миллиро зина ба зина баланд бардошта, сатҳу сифати зиндагии мардумро дар доираи яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар тарҳрезӣ намуда, онҳоро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст.

Истифода бурдани заминҳои лалмии кишвар манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ маҳсуб ёфта, парваришу истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгии серсафеда ва равғандеҳ, аз қабили мушунг, зағир ва маъсар аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ ва равғани истеъмолии ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд.

Дар заминҳои лалмии ҷумҳурӣ барои рӯёнидани ҳосили баланд технологияи захираи намӣ нақши асосиро ишғол менамояд. Бинобар сабаби риоя накардани омилҳои технологияи парвариши зироатҳо, аз ҷумла риоя накардани киштгардон, истифодаи тухмиҳои ғайрикондитсионӣ, интихоби нодуруст бо роҳи истифодаи навъҳои

каммаҳсул, коркарди бесифати хок ва монанди инҳо, хоҷагидорон ҳосили хеле паст мерӯёнанд.

Ҳамаи ин муҳимияти мавзӯъи интихобшудаи тадқиқоти диссертатсионӣ, инчунин моҳияти илмӣ ва амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

**Навгонии илмӣ.** Бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини Тоҷикистони Марказӣ дар асоси гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ самаранокии технологияи захираи намӣ вобаста аз чуқурии коркарди хок муайян карда шуд, ки он рӯёнидани ҳосили баланд ва устувори зироатҳои мушунг, зағир ва маъсарро таъмин менамояд. Инчунин, бори аввал таъсири чуқурии коркарди хокро ба ташаккулёбии биомассаи биологӣ. масоҳати барг, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва сохтори таркибии ҳосили зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва равғандиҳанда исбот карда шуд.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор коркарди хок ва захирашавии намӣ барои зироатҳои мушунг, зағир ва маъсар таҳия гардид, ки мутаносибан аз ҳар як гектар гирифтани 18; 15 ва 23 сентнер ҳосили донро таъмин намудааст. Усули беҳтарини коркарди хок, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия гардидааст, дар хоҷагии таҷрибавии “Зироаткор”-и шаҳри Ҳисор дар масоҳати 13 гектар мавриди амал қарор дода шудааст.

**Оиди дар рисола набудани иқтибосу маводҳои рӯйбардоркардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд.** Докторант аз натиҷаи тафтиши мавод оид ба набудани иқтибосҳою маводҳои рӯйбардоркардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд.

Хулосаи натиҷаҳои асосии диссертатсия ва тавсия оид ба истифодабарии амалии он дар истеҳсолоти кишоварзӣ илман асоснок буда бо далелҳо тасдиқ карда шудаанд.

1. Кори диссертатсионӣ ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгуй мебошад. Он кори илман асосноки ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад.

2. Ташхиси аввалияи диссертатсия дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи якҷояи Шурои олимони факултетҳои агрономӣ ва боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширингшоҳ Шоҳтемур муҳокима гаштааст (суратҷаласаи №6 аз

24.12.2022) хулоса мусбӣ арзёби гардида ба кори илмӣ баҳои объективӣ дода шудааст.

3.Натиҷаҳои асосӣ ва муқарраротҳои кори илмии пешниҳодгардида дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (№4 аз 31.10.2019) пешниҳод гардида, қобили дастгирӣ шудаанд.

4.Мавзӯъ ва мазмуни кори диссертатсионии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевичаз рӯйи шаҳодатнома ба ихтисоси 6D080101 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, инчунин ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5.Натиҷаҳои илмии ба дастомада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ дар 17 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Шумораи маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда мувофиқат мекунад.

6.Ҳангоми таҳияи кори диссертатсионӣ оид ба истифодаи адабиётҳо ва дигар маводҳо бо нишондоди манбаи бадастомада риоя карда шудааст.

7.Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгуй мебошад, ки аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

8.Талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**1) Эргашов Абдуллоҷон** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ ва биотехнологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**2) Музафарзода Даврон Маҳмадшариф** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара.

**3) Ба сифати муассисаи пешбар барои хулосаи беруна ба** Институти батаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фиристода шавад.

Чоп ва ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дар назардошта ва автореферати диссертатсия дар сомонаи интернетии ДАТ ба номи Ш.

Шоҳтемур ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Нашркунонии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор — Сардоров М.Н.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор — Қахаров Қ.Ҳ.

номзади илмҳои техникӣ,
дотсент, мудири кафедраи
мелиоратсия тадҷидсозӣ ва ҳифзи замини
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур — Пулотов Ш.Я.

**Тасдиқ менамоям:**

Имзоҳои Сардоров М.Н., Қахоров Қ.Ҳ. ва Пулотов Ш.Я.-ро тасдиқ менамоям: сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Раджабова Н.А.